*Мусулмониёни Қубодиёнӣ, Раҳим*

## Рози ҷаҳон пӯшида нест

Профессор Худой Шарифов, мутаваллиди соли 1937/1316 дар рустои Ҷорфи ноҳияи Дарвози Тоҷикистон, пас аз фориғ-ут-таҳсил шудан аз Донишгоҳи миллӣ (дар соли 1961/1340), дар маҳалли таҳсили худ ба тадрис машғул шуд, ки камокон идома дорад. Вай осори фаровонеро дорост, аз ҷумла: “Мақоми ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик” (1985), “Каломи бадеъ” (1991), “Шоир ва шеър” (1998), “Озурдагон ва умедворон” (2001), “Балоғат ва суханварӣ” (2002), “Савти Аҷам” (2002), “Назарияи шеър” (2004), ва ...

“Рози ҷаҳон”[1] унвони китоби нави доктор Шарифов аст, ки дар он зиндагӣ ва осори Носири Хусрави Қубодиёниро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода ва низ нукоти ҷолибе дар Пешгуфтор ба қалам додааст. Ба гуфтаи ӯ дар осори Носири Хусрав тафовут миёни назму наср эҳсос мешавад. Устод Шарифов мегӯяд: “Дар шеъри Носири Хусрав мавқеияти динӣ, назар ба замон ва абнои он, ахлоқ, олам, замону макон, хубӣ ва зиштии як инсони соҳибназар бо диде мутобиқ ва аз мавқеи мухолифи замон ба вуҷуд омадааст” (с. 5).

Носири Хусрав бо кушишҳои хирадмандона ва дурандешона дар ҷаҳони воқеӣ, ва низ ниҳоди мардумӣ, диданӣ ва пазиранда будан мехоҳад. “Воқеияти мазҳабҳо, таҷриба ва донишҳо андешаҳои фалсафӣ, рафтору одатҳо, мухолифат ва бархурдҳо, (ба айна дар) шеъри Носири Хусрав” (с. 6) инъикос ёфтааст.

Устод Худой Шарифов, се нуктаро дар поёни Пешгуфтор, ба қалам оварда: якум - пажуҳиши комили девони ашъор, ки дар ин майдон беш аз дигарон, доктор Маҳдӣ муҳаққиқ муваффақ будааст; дувум - ба омӯзиши чеҳраи динӣ ва фалсафӣ ва мардумии Носири Хусрав касони бисёре пардохтаанд, ва аммо дар баҳси мазҳабӣ ва каломӣ фуру рафтаанд ва “аз лиҳози адабӣ маърифати шеъри ӯ дар канор мондаанд” (с. 11); севум - пажуҳиши забону услуб, вазну қофия, шакли шеър, санъат ва балоғат аз даврони қадим оғо шуда, донишмандоне

[1] Худой Шарифов. Рози ҷаҳон. Нақд ва баррасии шеъри Носири Хусрав. - Душанбе: Нодир, 523 с.

ҷадид, суханоне тоза гуфтаанд. Бо ин вуҷуд, метавон угфт, ки "Масъалаҳои ҳунар ва санъати шеъри Носири Хусрав дар марҳилаи оғозини пажуҳиш қарор дорад" (с. 11).

Аз вежагиҳои доктор Х. Шарифов ин аст, ки шахсияти Носири Хусравро хуб шинохтааст. Ӯ кутоҳ мегуяд: "Фозили донишманд ва покниҳод ва бо эътиқоду ахлоқи нек" (с. 12).

Китоби "Рози ҷаҳон" бахшҳои зеринро дарбар дорад:

- Замона ва ҳоли шоир;
- Юмгон ва ёди ёру диёр;
- Аҳволи шоир;
- Гузини Қуръон ва дини Муҳаммад (с);
- Олам, замон ва инсон;
- Бори донишу ақлу хирад;
- Озода мардум (панду андарз);
- Адолат ва некиву бадӣ;
- Сухан - расули дилу ҷон;
- Дарахти тубои шеър,
- Ҳусни ҷаҳон.

Носири Хусрав марде озодандеш буд, барои озодии рафтору гуфтору кирдор, ҳамаи сахтиро таҳаммул мекард, ҳатто бо хатарҳо рубару мешуд. Дар тарзу равиши зиндагии оддӣ, ӯро ба Абуаъло Ал-Маърӣ монанд кардаанд, ки "гилеме пӯшида ва дар хона нишаста, ниманоне ҷавини худро табаҳ карда ва ҷуз он ҳеҷ чиз нахурд"[2], бо ин ки сарвари кишвар буд. Дар ҳусни ахлоқ, дараҷаи илму дониш ва маърифат, бетаваҷҷуҳӣ ба молу сарват, воқеан ҳам ба Абуалаъло монанд будааст.

Дар Хуросон, Носири Хусравро хатаре ҷиддӣ таҳдид мекард. Ӯ рафт ба Юмгон. "Зодгоҳ ва ҷавлонгоҳи одамӣ барои ҳар кас, бавежа аҳли шеъру андеша, азиз аст ва то поёни умр гиромӣ хоҳад монд. Носири Хусрав ҳам барои Хуросон ҷигараш хун буд. Метавон тасаввур кард, ки вай дар танҳоиҳо аз дарди маҳрумият, хун гиристааст, вай

---

[2] Раҳовард Сафар. Гузидаи Сафарномаи Носири Хусрав. Ба тасҳеҳ ва тавзеҳи Сайид Ҳомид Дабири Сиёқӣ. - Теҳрон: Сухан, 1370, с. 11.

доғи ҳасрати Хуросонро ҳамеша дар дил дошт".[3] Ҳамин маъниро аз ин шеър метавон эҳсос кард:

*Эй боди аср агар гузарӣ бар диёри Балх*
*Бигзар ба хонаи ман, он ҷой ҷӯй ҳол*
*Бингар, ки чун шудаст пас аз ман диёри ман*
*Бо ӯ чӣ кард даҳри ҷафоҷӯи бадфеъл*
*Тарсам, ки зери пои замона хароб гашт*
*Он боғҳо хароб шуд, хонҳо талол.*[4]

Илм ба мардум аз ду роҳ мерасад: Навиштор ва гуфтор. Навиштор ба ёдгор мемонад, барои ҳамеша; аммо гуфтор на. Гуфтор вақте мемонад, ки аз даҳон ба даҳон меравад, ва аммо дар ҳоли тағйир ва такмил ва тасҳеҳ, илм дар бардошти Носири Хусрав нони ҷон аст:

*Илм, нони ҷони туст ва нони туро илм тан аст*
*Илм мар ҷонро чун танро ҷон ҳаме дар во кунад*
*(саҳ. 157)*

*Инсон бо ҷон зинда аст, аммо ҷон бо илм:*
*Тан ба ҷон зинда аст ва ҷон зинда ба илм*
*Донишат андар кони ҷонат гавҳар аст*
*(саҳ. 161)*

Носири Хусрав бар ин бовар аст, ки волотарин ва болотарин чиз дар дунё, дониш аст. Ӯ чунин мегӯяд:

*Дониш ба зиёъ ва ба ҷоҳу молу мулке*
*Ин хотири хатир чунин гуфт мар маро*
*(саҳ. 159)*

Муҳимтарин арзиши дониш, ин аст ки инсонро аз саратони ҷаҳолат дур нигоҳ медорад:

*Дониш омӯз ва сар аз гарди ҷаҳолат бияфшон*

---

[3] Пораи Самарқанд. Бозшинохти ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба раҳнамоии осораш, нависанда: Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. - Теҳрон, Дафтари нашр ва фарҳанги исломӣ, 1378, с. 36-37.
[4] Ҳамон, саҳ. 37.

*Ростӣ варз ва бикун тоату ҳилат матароз*
*Бо чапу рост марав, рост бирав бар раҳи дин*
*Раҳи дин росттар аст, эй писар, аз тири тароз*
(*саҳ.* 168)

Илму ҳикмат дар бардошти Носири Хусрав ҷойгоҳе бас баланде орад:

*Илму ҳикматро талаб кун, гар тарабҷуйӣ ҳаме*
*То ба шоху илму ҳикмати пуртараб ёбӣ тараб*
(*саҳ.* 160)

Дар шинохти Носири Хусрав, илм агар ҷони ҷон аст, дин “кимиёгари зар аст, ва ҷони бе илм чизе нест” (саҳ. 161). Ҳастӣ (ҳафт бахш аст ва онро шаш ҷиҳат гирд гирифтааст: зеҳн, ҳаққ, хуррамӣ, бурҳон, зиндагонӣ, камол, бениёзӣ. Ин ҳафт қисмати ҳастӣ якҷоя бо ақли кулл падид омадаанд, ва аз ӯ ҷудо нестанд) (саҳ. 70).

Ба гуфтаи Носири Хусрав, дафтари ашъораш саросар панднома аст:

*Гар ба панд андар рағбат кунӣ, эй Хоҷа*
*Панднома аст туро дафтари ашъораш*[5]

Панду андарзи Носири Хусравро ба се бахш метавон ҷудо кард: ҳакимона, мазҳабӣ, таҷрубӣ. Ӯ тавониста ҳунари худро дар ҳар се бахш нишон бидиҳад. Ин шоир ҳамзамон, чаҳор чизро сахт бад медидааст: тамаъ, мадҳ, ҳазлу ғазал. Мегуяд:

*Шум шохест тамаъ, зи вай андар маншин*
*Вар нишинӣ, нараҳад ҷонат аз офоту газанд*

Байти дигар:

*Тамаъ орад ба рӯи мард зардӣ*
*Тамаъро сар бибур, гар марди мардӣ!*

[5] Ҳамон, саҳ. 71.

Дар накӯҳиши мадҳ:

*Хирад бар мадҳи ноаҳлон бихандад,*
*Касе бар гардани хар дурр набандад.*

Маддоҳӣ, озурдани хотир маънииталаб аст:

*Ба мадҳи ҳеҷ кас макшой лабро,*
*Маранҷон хотири маънииталабро.*

Дар мазамматп ҳазл:

*Макун фаҳшу дуруғу ҳазл пеша,*
*Мазан бар пойи худ зинҳор теша.*

Дигар:

*Зи ҳазлу лофи ту озор хезад,*
*Мазоҳи сард обру бирезад.*

Дар бораи ғазал:

*Дар дарҷи сухан бигшой бар панд,*
*Ғазалро дар ба дасти зуҳд дарбанд*

Дигар:

*Дар дурҷи сухан бигшой бар панд*
*Ғазалро дар ба дасти зуҳд дарбанд*

Дигар:

*Доно ба суханҳои хушу хуб шавад шод*
*Нодон ба суруду ғазалу мутрибу қаввол*[6]

Далели ғазалбадбинии Носири Хусрав ин аст, ки шоирони ҳамзамони ӯ бо аҳмду санои касоне пастфитрат машғул буданд.

Устод Шарифов, дуруст дарёфта, ки Носири Хусрав “ҷавҳари хубиёшро дар дониш мебинад”, “аз ҳунари худ ифтихор дорад” ва “зар

[6] Ҳамон, саҳ. 85, 87, 91, 95, 96, 97-98.

пухта гаштани суханро аз он вобаста медонад” (саҳ. 258). Вай шеърашро “арӯси сухан” мехонад, ки ҳақ ҳам дорад:

*Арӯси суханро надодаст кас*
*Ба ҷуз Ҳуҷҷат, ин зебу ин ёлу бол*
*Қудси сара ... [сухан], каргаси пир парканда буд*
*Ба ман гашт товус бо пару бол*
(саҳ. 259)

Носири Хусрав марде мубориз ва соҳибирода буда, ва бовар дошта, ки гунаҳкор муҷозот хоҳад шуд:

*Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт*
*Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт*
(саҳ. 229)

Ҳар касро, ки додгар нест, Носири Хусрав ба гург монанд мекунад: “Гург раҳму шафқат ва эҳсос мардумӣ надорад ва маҳруми ин авсоф монанди гург аст” (саҳ. 233).

Носири Хусрав чобуксавори асп буд, аспи сухан, ҳамон сӯе ки муроди дилаш буд, метохт. Вай устоди сухан буд; дар тавони сухан дар замони худ назир надошт, назираш солҳои баъд ҳам пайдо нашуд:

*Сухан ҷӯяд, наҷӯяд оқил аз ту*
*На кафаш дим ва на дастори шора*
*Суан бояд, ки пеш орӣ хуш эро-к*
*Сухан хуштар басе аз пешпора*
*Сухан чун рост бошад, гарчи талх аст*
*Буд бар нафъу бар кирдор ёра*
(саҳ. 246).

Аз вежагиҳои шахсияти Носири Хусрав яке ин аст, ки бо шеъраш ғуруру ифтихор дорад ва аммо динро болотар медонад:

*Шеърам бихону фахр мадон мар маро ба шеър*
*Дин дон на шеър фахри ман ва ҳам шиори ман*
(саҳ. 296)

Ин шоир табиатшинос буда, ба Наврӯз дилбастагӣ дошта, ки мегӯяд:

*Ба қавли чархи гардон бар забон бод наврӯзӣ,*
*Ҳарири сабз дарпӯшанд бӯстону биёбонҳо*
(*саҳ.* 309)

Дарвоқеъ, “тасвири баҳор аз поён ёфтани сардиҳо хабар медиҳад, аз чунин чархгардон ва забони боди наврӯзӣ бӯстону биёбонҳо ҳарири нав мепӯшанд” (саҳ. 310).

Байти дигар, ки ба дунболи Наврӯз, фасли хазон меояд:

*Ҳамон кӯҳсор, ки пушидаш ба дебо боди наврӯзӣ*
*Хазоне боди пинҳон кард дар маҳлуҷи куҳонаш*
(*саҳ.* 330)

Ин шоири ростгӯ бартарии инсонро дар соҳиби нафаси сухангӯй будан медонад: “Ва акнун гӯем, нафасе, сухангӯй аст, ки мардум бадон бар олам муфазал аст ва бадон низ бар замину обу ҳаво ва оташ мусаллат аст, ва низ бар ҳайвоноти заминӣ мусаллат аст”.[7]

Вай марде тавоно ва бошаҳомат буда, ки як мисолаш ин аст: чиҳил ё чиҳилу се сол дошта, ки худро мешиносад, маҷрои зиндагиро ба куллӣ дигар мекунад, роҳу равиши худро тағйир медиҳад. “Имрӯз ҳаким Носири Хусрав на фақат мояи фхри тоҷикону эрониён ва афғонҳо аст, балки ҳамаи фарҳангиёну додхоҳон ва ростгӯёни ҷаҳон, аз рӯзгору осори вай улгу мегиранд, ва барои беҳбудӣ ва беҳсозии муҳити хеш мекӯшанд. Вай ба табораш ифтихор дорад:

*Гар ту ба табор фахр дорӣ,*
*Ман муфаххари гавҳари таборам*”.[8]

Дар пажӯҳиши осори Носири Хусрав устодон Хиёл Додхудоев ва Нозирҷон Арабзода корҳои бузург ва судмандеро анҷом додаанд, ба

[7] Носири Хусрав. Куллиёт, ч. 1. - Душанбе: Ирфон, 19941, с. 92-93.
[8] Пораи Самарқанд, саҳ. 182.

вежа шодравон профессор Н. Арабзода осори гаронбаҳо ба мерос гузоштааст.

Аз гуфтаҳои Носири Хусрав рӯшан мешавад, ки авомили аслии харобии кишвар ва табоҳии зиндагӣ, яке ҷоҳталабӣ аст ва дигарӣ таассуби динӣ. Вай барои ислоҳ солҳо кӯшид ва саранҷом муваффақ ҳам шуд, ки мисолаш ошкор аст: мардум, бавежа аҳли шарифи Бадахшон дар ин муддати тӯлонии ҳазорсола ӯро фаромӯш накарданд, баръакс беш аз пеш дӯсташ медоранд, эҳтиромаш мекунанд, номи некашро танҳо ба забон намегирад, "Шоҳ Носири Хусрав" мегӯянд, "Пир Носири Хусрав" мегӯянд.

Суханвароне аз Носири Хусрав сухан гуфтаанд, ӯро самимона сутудаанд, ки чанде нақли қавл мешавад. Забеҳулло Сафо мегӯяд: "Носири Хусрав бетардид яке аз шоирони бисёр тавоно ва суханвари форсӣ аст. Вай табъе неруманд ва сухане устувору қавӣ ва услубе андар ва хоси худ дорад".[9]

Муҷтабо Минавӣ ва Маҳдӣ Муҳаққиқ, ки комилтарин пажуҳишро дар заминаи девони Носири Хусрав анҷом додаанд, мегӯянд: "Аз муҳимтарин осори ӯ девони ашъори ӯст, ки ганҷинаест аз ашъори фасеҳи балиғ ва афкори баланду амиқ ва таркибот ва истилоҳоту таъбироти ширини форсӣ ва маҷмуае аст аз мазомини қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ва суханони бузургон; ва низ муштамил аст бар панду андарзҳои ҳакимона ва баёни матолиби олии фалсафӣ ва худошиносӣ ва ҷаҳоншиносӣ".[10]

Дар бораи ҷойгоҳи панду андар дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва бавежа ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Муҳаммад Маҳдӣ Рукнӣ гуфтааст: "Аз падари шеъри дарӣ Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ то охирин фарзанди шеъри куҳан - Муҳаммад Тақии Баҳори Хуросонӣ - тамоми суханварони камубеш ба андарзгӯӣ пардохта ва абёте пандомез сурудаанд; иттисофи Носири Хусрав ба андарзгӯӣ на аз ин ҷиҳат аст, ки чун дигар шоирон байте чанд дар мавзуъоти ахлоқӣ гуфта, балки тавзеҳи ин нукта аст, ки дар назми ин шоири фарзона, огоҳӣ бахшидан ба инсон ва эроди маъонии аҳкимона, унсури аслии сухан

[9] Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ч. 2. – Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1378, саҳ. 454.
[10] Муҷтабо Минавӣ, Маҳдӣ Муҳаққиқ. Девони Носири Хусрав. - Теҳрон, 1370, саҳ. 5.

аст. Андешаҳои ӯ омезае аз ақоиди фалсафӣ аст, ки ба сурати панду ҳикмат дар ашъораш таҷаллӣ кардааст ва ҷавҳари бисёре аз суханонашро ташкил медиҳад".[11]

[11] Муҳаммад Маҳдӣ Руknӣ. Носири Хусрав: Шоири андарзгӯ. Ёдномаи Носири Хусрав. - Машҳад: Донишгоҳи Фирдавсӣ, 1355, саҳ. 216.